ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ АДЛИЯИ ХУКУМАТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
ШАХСИ ҲУҚУҚӢ
БА ҚАЙДИ ДАВЛАТӢ ГИРИФТА ШУДААСТ
АЗ "3.-04.2009с
ШАҲОДАТНОМАИ № 003-2173

МИНИСТЕРСТВО ЮСТИЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
УПРАВЛЕНИЕ ЮСТИЦИИ ХУКУМАТА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ
ПРОИЗВЕДЕНА ГОСУДАРСТВЕННАЯ РЕГИСТРАЦИЯ
ЮРИДИЧЕСКОГО ЛИЦА
ОТ "3.04.2009с
СВИДЕТЕЛЬСТВО № 003-2173

Бо фармоиши
Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
"18 03 соли 2009 № 5
тасдиқ шудааст

# ОИННОМАИ

Муассисаи давлатии

Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ”

ш. Душанбе – 2009 сол.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Муассисаи давлатии Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ», ки минбаъд «Муассиса» номида мешавад, фаъолияти худро мувофиқи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисоди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомнома «Дар бораи минтакахои озоди иқтисоди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2005 таҳти №191 тасдиқ шудааст, Низомнома «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ», ки бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2008 №1147 тасдиқ шудааст, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 № 103 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисоди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 7 марти соли 2009 №145 «Дар бораи таъсис додани муассисахои давлатии маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисоди «Панч» ва «Суғд», санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумхурии Тоҷикистон эътироф намудааст, санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақоми ваколатдор оиди ин масъалаҳои ташкил, идора ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисоди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, оиномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

1.2. «Муассиса» мақоми идоракунандаи Минтақаи озоди иктисодии «Панҷ» (минбаъд МОИ «Панч») буда, фаъолият ва рушди МОИ «Панҷ»-ро таъмин менамояд.

1.3. Номгуи пурраи «Муассиса»:

- ба забони тоҷики - Муассисаи давлатии маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ»
- ба забони англисӣ - State institution Administration of Free economic zone «Panj»

1.4. Ҷойгиршави «Муассиса»:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Қумсангир, мавзеи Қарадум;

1.5. Муассиси «Муассиса» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда ваколати идоракунии он ба зиммаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст.
«Муассиса» ташкилоти тобеи «Муассис» буда дар асоси Оиномаи мазкур амал мекунад. «Муассиса» шахси ҳуқуқи буда, дар ташкили - ҳуқуқи ҳамчун муассисаи давлатии ҷумҳурияви амал мекунад, дорои амволи мустақил бо ҳуқуқи оперативии идоракунӣ, тавозуни мустақил, суратҳисобҳои ҳисоборобаркунӣ, асъори ва ғайра дар бонкҳо, муҳри мудаввар бо навиштаҷоти

«Минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» ба забонҳои давлатӣ ва англисӣ, тамға, варақа, рамзи худ ва хусусиятҳои дигари бо тартиби муқаррар намуда тасдиқшуда, ҳуқуқи амволи ва ғайриамволиро ба даст меорад, метавонад дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад.

1.6. «Муассиса» аз фаъолияти асосии худ мақсади ба даст овардани даромадро надорад, вале ҳуқуқ дорад бо фаъолияти даромаднок машғул шавад, аз ҷумла ба фаъолияти соҳибкори танҳо ба қадре, ки барои мақсадҳои оинномавии он зарур аст.

Даромад ва молу мулки аз ин фаъолият бадастовардашуда пурра ба ихтиёри муассиса гузашта, дар баланси алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.

1.7. «Муассиса» ҳуқуқ дорад ихтиёран бо мувофиқати «Муассис» ба иттифокдо, ассосиатсияҳои шахсони ҳуқуқӣ аз рӯи аломатҳои ҳудудӣ ва ғайра, ҳамчунин ба созмонҳои байналмилалӣ ворид шавад. Дар баробари ин «Муассиса» мустақилият ва ваколатҳои шахси ҳуқуқии худро нигоҳ медорад.

1.8. «Муассиса» ҳуқуқ дорад дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он дар доираи ҳуқуқҳои худ бо шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвондон санадҳои ҳуқуқӣ бандад.

1.9. «Муассиса» ҳуқуқи истисноии ба мақсади таблиғот ва ғайра истифода бурдани рамзи худро дорад, инчунин дар асоси шартнома чунин истифодабариро ба дигар шахсони ҳуқуқй ва вокеӣ иҷозат диҳад, бо ризоияти Муассис шахсонии ҳуқуқии дигарро таъсис диҳад.

1.10. «Муассиса» фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

«Муассиса» кори худро бо маъмурияти дигар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои ҳамкории зич, бо мақсади мувофиқат ва ба назар гирифтани манфиатҳои дигар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурй ба роҳ мемонад, ба тачдиди стандартҳои байналмилалии пешбурди соҳибкорӣ ва одоби корбарӣ дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

## 2. Марому мақсади фаъолияти «Муассиса»

2.1. «Муассиса» барои дастрасии чунин марому мақсадҳо ташкил карда мешавад:

- ҳавасмандгардонии рушди иқтидори иқтисодии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҷалб намудани сармояи ватанию хориҷӣ, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами идоракунӣ ва менеҷмент;
- ҷалби самараноки иқтисодиёти минтақа ва кишвар ба тақсимоти байналмилалии меҳнат, равнақ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодй бо кишварҳои хориҷӣ, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ;

- рушди шаҳрсозӣ дар минтақаҳои атрофи МОИ «Панҷ», ташкил намудани инфрасохтори муосири муҳандисию нақлиётй, телекоммуникатсионй, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;
- ташкили шабакаи истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, бунёди истеҳсолоти молу маҳсулоти рақобатноки содиротӣ;
- бо кор таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурй, ташкили ҷойҳои иловагии кор, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, афзун намудани қобилияти харидорӣ, сермол гардонидани бозори дохилӣ аз ҳисоби афзоиши даромади коргароне, ки дар МОИ «Панҷ» кор мекунанд ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа.

2.2. «Муассиса» мутобиқи қонунгузории амалкунанда барои таъмини мақсадҳои оинномавӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- рушди иқтидори иқтисодии минтақа дар асоси ҳамгироии сармоягузориҳои хориҷӣ бо воситаҳои моддию маблағи корхонаю ташкилотҳои ватанӣ, ки ба гуногунрангии шаклҳои моликият асос ёфтаанд;
- ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, техника ва технологияҳои муосир, таҷрибаи хориҷии идоракунӣ ва усулҳои нави хоҷагидорӣ
- ҷорӣ намудани навоварӣ ва ихтирооти илмию техникии ватанӣ ва хориҷӣ дар истеҳсолот, бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар минтақаҳои дигари кишвар;
- таъмин намудани устувории иҷтимоию иқтисодии минтақа;
- кам намудани хароҷоти истеҳсолот, истифодаи пурраи захираҳои озоди меҳнатӣ, табий ва дигар захираҳои маҳаллии истеҳсоли молу маҳсулот барои содирот ва таъмини бозори дохилӣ;
- бунёд ва ободонии ҳудуди МОИ «Панҷ», ҳифз ва ҳимояи муҳити зист; -дар ҳудуди МОИ «Панҷ» ташкил намудани инфрасохтори истеҳсолй дар сатҳи меъёрҳои байналмилалӣ (алоқа, накдиёт, коммуникатсия ва ғайра); -ташкаккул додани буҷаи мустақили МОИ "Панҷ".
- ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои МОИ «Панҷ»;
- фаъолияти аҳамиятноки ҳуқуқиро дар доираи ҳуқуқҳои худ барои ноил шудан ба мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташуда, ки дар Оинномаи мазкур пешбинӣ шудааст, иҷро менамояд;

## 3. Ҳуқуқ, ваколатҳо ва ӯҳдадориҳои «Муассиса»

3.1. **«Муассиса» дорои чунин ҳуқуқ ва ваколатҳо мебошад:**

- бо иштироки сармоягузорони ватанию хориҷӣ ташкилотҳои муштарак таъсис диҳад;

– дар асоси шартномаҳо бо фаъолияти хоҷагидорӣ машғул шаванд, озодона шарик ва мавзӯи шартномаро интихоб намоянд, ӯҳдадориҳо, инчунин ҳама гуна шартҳои дигари муносибатҳои байниҳамдигарии хоҷагидориро муайян намояд;
– мустақилона ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пардозад, амалиёти мубодилаи мол (бартер) ва миёнаравӣ, инчунин азнавсармоягузориҳоро анҷом диҳанд, ба шарте, ки хусусияти ин амалиётҳо хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад;
– аз бонкҳо, ширкатҳо ва ташкилотҳои хориҷиву ватанӣ бе махдудият қарз гирад, барои бастани ҳама гуна шартномаҳои суғуртавӣ ширкатҳои суғуртавии хориҷиро ҷалб намояд;
– дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳама гуна сармоягузориҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манънашударо татбиқ намояд;
– истифодаи замин, иҷораи замин, молу мулк, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқи гузашти истифодабариро аз рӯи мувофиқаи дуҷонибаи тарафҳо, ки шартномаи иҷораро имзо кардаанд ё ворисони ҳуқуқии онҳо, инчунин дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро амалӣ намояд;
– шаҳрвандони хориҷӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси қарордод киро намояд;
– ҳар гуна фаъолияти дигареро, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нагардидааст, анҷом диҳад.
– таҳия ва татбиқи стратегия ва барномаи рушди МОИ «Панҷ», аз ҷумла нақшаи генералии минтақа;
– қабули ҳуҷҷатҳо доир ба идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар МОИ «Панҷ»;
– таҳияи буҷети мустақили минтақа, тасдиқи он ба тартиби муқарраршуда ва таъмини иҷрои он;
– таҳияи нақшаи ҷойгиронии субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ дар худуди минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» бо дарназардошти пешниҳодҳои онҳо, аз ҷумла хароҷоти молиявии ҳар як субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ ва пешниҳоди минбаъдаи он ба мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ;
– тартиб додани харҷнома (смета)-и оид ба ободонии ҳудуди муайяншудаи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ»;
– мувофиқаи нақшаи ҷойгиркунии инфрасохторҳои гумрукӣ бо мақоми давлатии ваколатдори гумрукӣ;
– таъмини ягонагӣ ва фаъолияти пурсамари минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ»;

- таъмини рушди МОИ «Панҷ» бо роҳи ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ, воситаҳои молиявии ташкилотҳои ватанию хориҷӣ дар шакли қарзҳои имтиёзнок, қарз ва грантҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мақоми ваколатдори давлатии молиявӣ;
- ташкили манбаи иттилоотию тахдилии фаъолият ва рушди иқтисодии МОИ «Панҷ»;
- ҳимояи манфиатҳои субъектҳои МОИ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалб намудани инвеститсияҳои ватанию хориҷӣ ва дигар намуди захираҳо;
- амалӣ намудани назорат ҷиҳати риояи низоми ҳуқуқии МОИ «Панҷ», таҳияи тағйироту иловаҳо ба ин Оиннома ва баррасии онҳо бо тартиби муқарраршуда;
- таъмини тафтиш ва назорати давлатӣ ҷиҳати истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ дар ҳудуди МОИ «Панҷ», иҷрои қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ оид ба масъалаҳои рушди ҳудуди МОИ «Панч»;
- пешниҳоди замин барои иҷора ба субъектҳои МОИ, инчунин дигар иншоотҳои МОИ;
- ташкили маркази иттилоотӣ, бизнес-инкубаторҳо, анборҳо, биноҳои маъмурӣ, иншоотҳои истеҳсолӣ ва дигар сохторҳо, ки барои фаъолияти самаранок ва рушди МОИ «Панч» зарур мебошанд;
- ҳамоҳангсозии корҳои ташкилотҳои илмӣ, лоиҳавӣ, саноатӣ, сохтмонӣ ва дигар муассисаҳои ватанӣ ва хориҷие, ки барои ташкил ва таъмини фаъолияти МОИ «Панҷ» ҷалб мешаванд;
- баҳодиҳӣ ва қабули қарорҳо тибқи пешниҳоди сармоягузорони дохиливу хориҷӣ, танзими робитаҳои иқтисодии минтақаи озоди иқтисодӣ бо бозори байналмилалӣ;
- баррасии бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории шахсони муроҷиаткунанда;
- ба шахси муроҷиаткунанда додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҷойгиршавӣ ва нишонии ҳуқуқӣ дар МОИ «Панҷ»;
- ҳамоҳангсозии алоқаҳои МОИ бо бозори байналмилалӣ;
- ташкили омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои минтақаи озоди иқтисоди «Панҷ», иштирок дар иҷрои сиёсати давлатӣ дар соҳаи ташаккули кадрҳо, шуғл, сиёсати ҷавонон ва муҳоҷират дар минтақа;
- ташкили конфронсҳо, машваратҳо, семинарҳо ва ғайра;
- бастани шартномаҳо бо субъектҳои МОИ;
- ташкил ва бурдани китоби бақайдгирии додани сертификатҳо;

- ташкил ва бурдани китоби бақайдгирии субъектҳои МОИ;
- додани сертификат ба субъектҳои МОИ;
- бақайдгирии субъектҳои МОИ;
- ташкили бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, ки дар ҳудуди МОИ «Панҷ» таъсис ва ташкил меёбанд ва инчунин филиалҳо ва намояндагиҳои муассисаҳо ё ташкилотҳои дар ҳудуди МОИ «Панҷ» воқеънабуда, ки бақайдгирии онҳо тибқи қонунгузорӣ дар доираи бақайдгирии давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон сурат мегирад;
- бакайдгирии шартномаҳо дар бораи фаъолияти муштарак бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ;
- чорӣ намудани қоидаҳое, ки фаъолияти соҳибкориро дар МОИ «Панҷ» танзим мегардонанд ва ба қонунҳое, ки фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Точикистонро муайян менамоянд, хилоф нестанд.
- такмили шаклҳои идоракунии хоҷагии МОИ «Панҷ» ва амалигардонии идоракунии хоҷагӣ бо дарназардошти самаранокии иқтисодии истифодаи масохатн заминҳои давлатӣ ва моликияти хусусӣ дар ҳудуди МОИ «Панҷ»;
- таъмини азхудкунии маблағгузорӣ дар лоиҳаҳое, ки моҳияти умумиминтақавӣ доранд;
- иштирок дар тавсеа ва азнавсозии иншооти берун аз минтақа дар асоси гнчоратӣ;
- хизматрасонӣ барои гирифтан ва ба расмият даровардани раводиди даромад ва баромад, ки дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Точикистон амалӣ мегардад;
- додани рухсатномаҳо барои ворид шудан ба ҳудуди МОИ «Панҷ»; -ташкил ва назорати фаъолияти воҳидҳои ҳарбикунонидашудаи ҳифзи нншооти МОИ «Панҷ». Сохтор ва шумораи воҳидҳои дар боло зикршуда аз чониби «Муассиса» дар мувофиқа бо вазоратҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;
- баҳодиҳии самаранокии ташкил ва фаъолияти МОИ «Панҷ»;
- -амалигардонии дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ намудаанд.
- дар асоси ҳуқуқи идоракунии фаврӣ дар ихтиёр доштан ва нстифодабарии амвол, воситаҳои пулӣ (аз ҷумла асъори хориҷӣ) бо тартибе, ки конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур пешбинӣ менамояд;
- амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муайяннамудаи конунгузорӣ ҷиҳати муваффақ гардидан ба мақсадҳои оинномавӣ;

- аз номи худ ба даст даровардани ҳуқуқи амволӣ ва шахсии ғайриамволӣ ва ӯхдадориро ба зимма гирифтан, бастани шартномаҳо ва муомилоти дигар бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар асос ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ;
- аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва ҷалбшуда ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ пешниҳод намудан қарзҳо, ба иҷора додани амвол;
- ба мақсади иҷрои вазифаҳои оинномавӣ, бо иҷозати «Муассис» барпо намудани ташкилотҳои дорои шахси ҳуқуқӣ;
- ҷалб намудани маблағҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ бо розигии онҳо барои ҳал намудани вазифаҳои «Муассиса», маблағгузории барномаҳои он;
- амалигардонии дигар ваколатҳое, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомнома «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ», ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2008 №1147 тасдиқ шудааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.2. **«Муассиса» чунин ухдадориҳои асосӣ дорад:**

- таъмини намудани иҷроиши қарорҳои «Муассис»;
- таъмини иҷроиши ухдадориҳое, ки аз қонунгузории Ҷумҳурии Точикистон ва шартномаҳои баимзорасида бармеоянд;
- таъмини суғуртаи хатмии иҷтимои, тандурустӣ ва дигар намудҳо барои коргаронв кироя, таъмини шароити фаъолияти меҳнатӣ тибқи талаботи конунгузории ҷорӣ ва шартномаи коллективӣ;
- саривақат пешниҳод намудани ҳисобот оид ба даромадҳои «Муассиса» ва таъмини пардохти андозҳо дар меёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷумқурӣ;
- тахияи пешниҳод доир ба речаи кори МОИ «Панҷ»;
- омӯзиши ҳуҷҷатҳо ва таҳияи хулоса доир ба лоиҳаҳои инвеститсионии воридгашта, ва пешниҳоди лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба баррасии «Муассис» тнбки тартиби муқарраргардида;
- дар мухдати се рӯзи баъди дастрас намудани қарор ё нусха аз протоколи хомиссияи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ аризадиҳандагон - шахсони воқей ё ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷиро аз қарори қабулшуда оид ба лоиҳаи инвеститсионӣ огоҳ мекунад.
- пешниҳоди нусхаи шартномаи байни «Муассиса» ва довталаб ба «Муассис» баъди ба имзо расидани шартнома бо субъектҳои МОИ оиди иҷораи шпоот ва ё қитъаи замин дар ҳудуди минтақа;

- омода намудани пешниҳоди асосноки иқтисодӣ доир ба номгӯи хизматрасонӣ ва меъёри пардохти онҳо аз ҷонибӣ «Муассиса»;
- омода намудани пешниҳоди асосноки иқтисодӣ оид ба маблағи иҷора ва меъёри ниҳоии иҷораи масоҳати замин ва иншоотҳо, ки дар нисбати он - «Муассиса» ҳуқуқи истифодабарӣ дорад;
- бо тартиби муқаррargardida пешниҳоди ҳармоҳаи маълумот доир шаҳрвандони хориҷии ба МОИ «Панҷ» барои кор омада;
- пешниҳоди ҳисоботи зарури ба «Муассис» аз рӯи намуди муқарарgardида;
- ҳамоҳангсозии масъалаҳои ба ширкати идоракунанда вогузор намудани қисме аз ваколатҳо бо «Муассиса»;
- таъмини иҷроиши шартҳои шартнома ва вазифаҳо аз ҷониби ширкати идоракунанда;
- Дар ҳолати вайрон намудани шартҳои шартнома ва ё бесифат иҷро намудани вазифаҳо аз ҷониби ширкати идоракунанда ба «Муассис» пешниҳоди таклиф оиди бозпас хондани сертификат ва бекор намудани шартнома;
- таҳияи пешниҳод тибқи тартиби муқарарgardида ба «Муассис» бо асосноккунии техникию иқтисодӣ доир ба мувофиқи мақсад будани дароз намудани мӯҳлати фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ ё барҳам додани он.

## 4. Маблағҳо ва амволи «Муассиса»

4.1. Ҳуқуқи идораи оперативии молу мулке, ки ба «Муассиса» вобаста гардидааст, агар дар қонун ё санади дигари меъёрии ҳуқуқӣ ё карори «Муассис» тартиби дигаре пешбини нашуда бошад, аз лаҳзаи ба «Муассиса» супоридани он ба миён меояд.

4.2. Даромад аз истифодаи молу мулки таҳти идораи оперативӣ қарор дошта, инчунин молу мулке, ки «Муассиса» мувофиқи шартнома ё дигар асосҳо ба даст овардааст, тибқи тартиби муайяннамудаи ҳамин Оиннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба даст овардани моликият ба ҳуқуқи оперативии идоракунии «Муассиса» дохил мешавад.

4.3. Ҳуқуқи идораи оперативии молу мулк мутобиқи асос ва тартиби пешбининамудаи ҳамин Оиннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба катъ намудани ҳуқуқи моликият, инчунин дар ҳолатҳои бо қарори «Муассис» ба таври қонунӣ пас гирифтани молу мулк аз «Муассиса» қатъ мегардад.

4.4. «Муассиса» мутобиқи ӯҳдадориҳояшон оиди маблағи дар ихтиёраш карордошта ҷавобгар мебошад.

4.5. «Муассиса» ҳақ надорад молу мулки ба ихтиёраш гузошташуда ё аз хлсоби маблағи мутобиқи харҷномаи (сметаи) барои хариданаш чудокардашударо, фурӯшад, ё онро бо усули дигар соҳибӣ намояд.

«Муассиса» ба молу мулки дар ихтиёраш гузошташуда дар доираи муайяннамудаи қонун, мутобиқи мақсади фаъолияти хеш супоришҳои «Муассис» ва таъиноти молу мулк ҳуқуқи соҳиби истифода ва ихтиёрдориро доранд.

4.6. Фаъолияти «Муассиса» дар асоси худмаблағгузорӣ амалӣ мегардад. Бо мақсади таъмини фаъолияти МОИ «Панҷ» буҷети мустақили МОИ «Панҷ» ташкил карда мешавад.

4.7. Буҷети мустақили МОИ «Панҷ» шакли таъсис ва хароҷоти воситаҳои пулии МОИ «Панҷ» буда, барои таъмини молиявии амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои МОИ «Панҷ» истифода мегардад.

4.8. Ба буҷети мустақили МОИ «Панҷ» чунин даромадҳо ворид мешаванд:

- даромад аз иҷораи замин, бино ва иншоотҳои дар ихтиёри Маъмурияти МОИ қарордошта;
- маблағи умумии пардохтҳои субъектҳо барои гирифтани сертификати фаъолияти соҳибкорӣ дар МОИ «Панҷ»;
- пардохтҳои бақайдгирӣ;
- пардохтҳо барои ворид шудани автомобилҳо ба ҳудуди МОИ «Панҷ»;
- пардохт барои ворид шудан ба ҳудуди МОИ «Панҷ» аз тарафи кормандоне, ки дар ҳудуди МОИ фаъолият мекунанд (ба истисноu ҳайати «Муассиса»);
- даромадҳо аз пешниҳоди ҳар гуна хизматрасониҳо;
- дигар даромадҳои бо қонунгузорӣ пешбининашуда;
- 4 фоизи ҳиссаи фоидаи фаъолияти ширкати идоракунанда аз хизматрасониҳои гуногун;
- даромад аз дигар пардохтҳо барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба субъектҳои МОИ аз ҷониби «Муассиса» мутобиқи муқаррароти дар конунгузорӣ дар бораи буҷети давлатӣ барои соли молиявии дахлдор зикршуда ва Низомномаи МОИ «Панҷ».
- пардохтҳои ихтиёрӣ, хайрот ва маблағҳои вазъшуда (ҷудошуда) аз кисоби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;
- даромадҳо аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва дигар фаъолиятхо, тибки оинномаи мазкур;
- маблағҳои воридшаванда аз сметаи буҷети давлатӣ;
- дигар манбаъҳое, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст;

4.9. Дар доираи муайяннамудаи оинномa, «Муассиса» дар амалисозии саъолият ва идоракунии амволи ба вай тааллуқдошта, бо шумули воситаҳои пулие. ки пас аз пардохти ҳамагуна ӯхдадориҳои ҳатмӣ боқӣ мондааст, мустакил мебошад.

4.10. Даромад аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар даромадҳо танҳо барои максадҳои оинномавӣ истифода мешаванд;

## 5. Мақомоти идоракунанда

5.1. «Муассиса»-ро Роҳбар сарварӣ менамояд. Тартиби фаъолияти Рохбарро Низомнома «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ», ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2008 №1147 тасдиқ шудааст, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон ва Муассис ва Оинномаи мазкур муайян менамояд.

5.2. Роҳбар ва муовинони вай аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Муассис ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.
Ҳаҷми маоши вазифавии роҳбарияти «Муассиса» аз ҷониби Ҳукумати Чумхурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

5.3. Ба вазифаи роҳбарии «Муассиса» шахси дорои маълумоти олии хукуқӣ ё иқтисодӣ ва собиқаи кории роҳбарии на кам аз 5 сол таъин карда мешавад.

5.4. Роҳбари «Муассиса»:
- ҳуқуқ ва вазифаҳои «Муассиса»-ро таъмин менамояд;
- МОИ «Панҷ»-ро дар ташкилотҳо, корхонаҳо, бонкҳо ва муассисаҳои ватанӣ, хориҷӣ ва байналхалқӣ муаррифӣ менамояд;
- барои иҷрои вазифаҳои ба ӯхдааш гузошташуда масъулиятӣ шахсиро ба зимма мегирад;
- басти кории мансабҳоро тасдиқ менамояд;
- ҷадвали штатиро тартиб дода, кормандони «Муассиса» ва филиалу надмояндагии худро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;
- маблағхо ва молу мулки «Муассиса»-ро идора менамояд, мутобиқи Оинномаи мазкур шартнома, аз ҷумла шартномаҳои меҳнатӣ мебандад, бовариномаҳо медиҳад;
- дар бонкҳо суратҳисобҳо ва дигар ҳисобҳоро мекушояд;
- фармон ва фармоишҳо медиҳад, ки иҷрои он барои коргарони «Муассиса» ҳатмӣ мебошад;
- дар доираи (харҷномаи) сметаи тасдиқшудаи «Муассиса» шарти пардохти музди меҳнати коргаронро муайян менамояд;
- ҳуҷҷатҳои дохилии «Муассиса»-ро тасдиқ менамояд;
- ичрои қарорҳои «Муассис»-ро таъмин менамояд.

5.5. Роҳбар дар баробари дигар вазифаҳо ҳамоҳангсозии фаъолияти мувофиқашудаи «Муассиса»-ро бо мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди МОИ «Панҷ» амалӣ менамояд.

## 6. Намояндагии «Муассиса»

6.1. Намояндагӣ вохиди алоҳидаи «Муассиса» мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати «Муассиса»-ро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад.
6.2. Намояндагиҳо шахси ҳуқуқӣ намебошанд. Онҳо аз ҷониби «Муассиса» таъсис гардида дар асоси Низомномаи алоҳида амал мекунанд.
6.3. Рохбарони намояндагӣ аз ҷониби Роҳбари «Муассиса» таъин гардида, дар асрси ваколатномаи ӯ амал мекунанд.
6.4. Намояндагии «Муассиса» дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, Чин, Эрон, Руссия ва Аморати Муттаҳидаи Араб ташкил карда мешаванд.

## 7. Қатъи фаъолияти «Муассиса»

7.1. «Муассиса» бо қарори «Муассис» дар ҳолатҳои муқарранамудаи Нязомнома «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодии «Панч», ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2008 №1147 тасдиқ шудааст, барҳам дода мешавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ АДЛИЯИ ҲУКУМАТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН
ҲАМАТИ РАҲАМГУЗОРӢ, РЕСМОНБАНДИ ВА
МӮҲРГУЗОРӢ КАРДА ШУДААСТ

ДАР ҲАҶМИ 26 САҲИФА

АЗ « 3 » 04.2009 с

МИНИСТЕРСТВО ЮСТИЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
УПРАВЛЕНИЕ ЮСТИЦИИ ХУКУМАТА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ
ВСЕГО ПРОНУМЕРОВАНО, ПРОШНУРОВАНО И

ПРОНУМЕРОВАНО И СКРЕПЛЕНО ПЕЧАТЬЮ НА

« 3 » 04.2009 с